*Замимаи 1*

## I. Маълумоти асосӣ дар бораи хизматрасонӣ ва шароити кори ширкати аудиторӣ

1. Дар назар аст, ки ширкати аудиторӣ аудити ҳисоботи молиявии маҷмӯии Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2021-ро мегузаронад, ки инҳоро дарбар мегирад:

- санҷиши дуруст тартиб дода шудани ҳисоботи молиявии маҷмӯии Бонки миллии Тоҷикистон;
- муайян намудани мутобиқати ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон ба Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ. Натиҷаи ҳуҷҷатии аудит хулосаи аудиторӣ ва мактуб ба Роҳбарият маҳсуб меёбад.

2. Дар сурати қобили қабул будани дархости пешниҳодшуда Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо ширкати аудиторӣ ба мухлати **аз 3 то 5 сол** шартномаи дарозмуддат бандад.

3. Барои гузаронидани аудити ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ Бонки миллии Тоҷикистон ба ширкати аудиторӣ маълумотҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ҳисоботи молиявӣ, маводҳо ва дигар маълумоти иловагие, ки барои гузаронидани аудит зарур мебошанд;
- утоқи корӣ, телефон, таҷҳизоти идорӣ.

4. Дар ҳолати эҳтиёҷ доштан ба тарҷумонҳо, онҳо бояд аз ҳисоби ширкати аудиторӣ киро карда шаванд.

Шарти ҳатмии баррасии дархостҳои озмун мавҷудияти иҷозатнома барои ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти аудиторӣ мебошад. Аудити Бонки миллии Тоҷикистон бояд мутобиқи стандартҳои байналмилалии аудит гузаронида шавад.

Интихоби ширкат бо усули озмун ва тасдиқи он эҳтимол аст на дертар аз 10 сентябри соли 2021 анҷом ёбад.

## II. Мундариҷаи дархост

Дархости Шумо оид ба аудит бояд ба талаботи стандартҳои байналмилалии аудит, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқат намояд.

Мутобиқи меъёрҳои дар зер дарҷшуда дархост бояд маълумоти зеринро дарбар гирад:

*Меъёри А.*

- таҷрибаи кори аъзои гурӯҳи аудиторон;
- ному насаб, шаҳрвандӣ, таҳсилот, рӯйхати хидматӣ ва таҷрибаи касбии ҳар як коршинос.

*Меъёри Б.*

- нусхаи тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсисии ширкати аудиторӣ бо назардошти тағйироту иловаҳо;
- тавозуни муҳосибӣ ва ҳисобот дар бораи фоидаву зиёни ширкати аудиторӣ дар санаи ҳисоботии охирин;
- ташкил ва таҷрибаи кории ширкати Шумо дар соҳаи аудити ҳисоботи молиявии бонкҳои марказӣ. Бояд рӯйхати корҳои охирин (на камтар аз 5 соли охир) ва корҳои ҳаммонанди айни ҳол иҷрошаванда пешниҳод карда шавад.
- маълумот дар бораи мавҷудияти намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ.
- мавҷудияти иҷозатнома барои ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти аудиторӣ.

*Меъёри В.*

- маълумот дар бораи ҳаҷми имконпазири хизматҳое, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.
- барномаи кории аудит, нақшаи корӣ. Дар назар аст, ки аудит дар ду марҳала гузаронида хоҳад шуд: муқаддамотӣ ва хотимавӣ.
- сохтори ташкилӣ ва ҷадвали вазифа (штат).

Бояд дар назар дошт, ки таърихи ниҳоии анҷоми кор оид ба аудити ҳисоботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва пешниҳоди хулосаи аудиторӣ 31 майи соли 2022 мебошад.

*Меъёри Г.*

- пешниҳодоти Шумо доир ба нақшагирӣ, таҷрибаи беҳтарин ва хизматҳои иловагии марбут ба аудит, ки барои бонки марказӣ (миллӣ) муҳим мебошанд.

*Меъёри Ғ.*

- арзиши хизматрасонӣ оид ба гузаронидани аудити ҳисоботи молиявии маҷмӯии Бонки миллии Тоҷикистон, хароҷоти изофӣ бо шарҳи он, инчунин шартҳо ва мӯҳлати пардохт.

## III. Ирсоли дархост

Дархости Шумо бояд бо забони тоҷикӣ ё русӣ / англисӣ (дар се нусха – 1 нусхаи асл ва ду нусхаи дигар) таҳия шуда, ба нишонии зерин ирсол карда шавад:

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 38/1
Бонки миллии Тоҷикистон

Департаменти аудити дохилӣ
Дархости Шумо бояд **на дертар аз соати 16:00 рӯзи 2 августи соли 2021** ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардад.

## IV. Баҳодиҳии дархостҳо

1. Интихоби ширкатҳои аудиторӣ дар асоси муқоисаи шартҳои зерин сурат мегирад:
- таҷрибаи иштирокдорони озмун;
- ҳаҷми хизматрасонӣ ва тарзу усулҳои иҷрои хизматҳои талабшаванда;
- таҷриба ва тахассуси аъзои гурӯҳи аудиторон;
- хизматҳои иловагии марбут ба гузаронидани аудит;
- арзиши хизматрасонӣ ва шартҳои пардохт.

2. Агар маълумоте, ки дар фасли II талаб шудааст, нопурра ё умуман набошад, дархост ба талабот ҷавобгӯй дониста намешавад.

3. Беҳтар аст, ки баъди пешниҳоди дархостҳо барои баррасӣ дар ҳайати гурӯҳи аудиторон тағйирот ворид карда нашавад, дар ҳолати зарурат онҳо бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқа карда шаванд.